**Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Тарбия дар ҳамаи давру замон ва тамоми халқҳо зуҳуроти муҳимми ҳаёти маънавии ҷомеа мебошад. Бе тарбия ҳаёти ҷамъияти инсонӣ маъно надорад, зеро вазифаи он аз насл ба насл додани дониш ва таҷрибаи ҳаётии андӯхта ба ҳисоб меравад. Яъне, вазифаи ҳаётии инсон ин интиқоли дониш ва таҷрибаи ҳаётии андӯхта аз як насл ба насли дигар мебошад ва ин вазифа ба воситаи таълиму тарбия иҷро карда мешавад. Таълиму тарбия ин ду мафҳуми ба якдигар мусоидаткунанда ва ҳамдигарро мукаммалкунанда маҳсуб меёбанд.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ Саидзода Муҳаббат асоснок намудааст, ки мафҳуми тарбия на танҳо маънои нигоҳубини инсони бавоярасандаро фаро мегирад, балки ғамхории ташаккулёбии рӯҳӣ-маънавӣ ва рушди инсонии онро низ ифода мекунад. Бинобар ин тарбия на танҳо, категорияи омӯзгорӣ, балки зуҳуроти ҷамъиятиро, ки ба танзими ҳуқуқӣ тааллуқ дорад, дар бар мегирад. Мушкилоти муҳим дар рушди ҳамаи шаклҳои тарбияи кӯдакон ин то ба охир расонида нашудани танзими ҳуқуқии он мебошад.

Муаллиф қайд намудааст, ки давлат дар сатҳи конститутсионӣ тарбияи кӯдаконро яке аз вазифаҳои асосии падару модарон эътироф намуда, модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат

гирифта, падару модарро барои таълиму тарбияи фарзандон нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии онҳо масъул донистааст (саҳ. 2 дисс).

Аз ин лиҳоз, тадқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмӣ - методологии тарбияи насли наврас бахшида шудааст. Бо вуҷуди он ки муҳаққиқон самтҳои гуногуни тарбияи кӯдаконро то андозае баррасӣ намуда бошанд ҳам, аммо таҳқиқоти мукаммали самти ҳуқуқии ин масъала, ки дар сатҳи ҳуқуқи оилавӣ, методологияи таҳқиқоти ҳуқуқӣ баррасӣ шуда бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мебошад.

Бо мубрам арзёбӣ гардидани самтҳои гуногуни тарбияи кӯдакон ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ он мавриди пажӯҳишу баррасии комил қарор нагирифтааст ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ низ дар ин бахш ҷой надоранд. Бо вуҷуди рӯи нашр омадани баъзе аз мақолаву монографияҳои илмӣ аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, намояндагони риштаҳои мухталифи илмӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ онҳо натавонистаанд, ки паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкурро аз нигоҳи илмӣ моҳиятан баррасӣ ва ҳал намоянд.

Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии мафҳум, хусусият ва роҳҳои ташаккули тарбияи кӯдакон дар ҳамбастагӣ ва робита бо дастовардҳои  арзиши миллӣ аз нигоҳи илмӣ дар диссертатсия мубрам арзёбӣ гардидааст.

Бояд зикр намоем, ки тадқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат барои ҳалли мушкилоти зерин равона шудааст, ки мубрамияти онро бараъло нишон медиҳанд: ба талаботи замони нав мувофиқ кунонидани фаҳмиш ва диду назари шаҳрвандон ба падидаи нави ҳуқуқи

инсон «тарбияи кӯдакон» ҳамчун арзишмандтарин дастоварди инсоният ва нақши асосии он дар ташаккули давлати ҳуқуқбунёд; ҳалли мушкилоти баланд бардоштани сатҳи тарбияи кӯдакон ва фарҳанги ҳуқуқи инсон; монеъ шудан ба коҳишёбии тарбияи кӯдакон ва арзишҳои ахлоқӣ дар ҷомеа; тақвият бахшидани раванди барпосозии давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон, ки сатҳи тарбияи кӯдакон яке аз заминаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад; фароҳам овардани шароити мусоид ва заминаҳои ҳуқуқӣ бобати арҷгузорӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва ташаккули тарбияи кӯдакон; пешгирии таҳдиду хатарҳои фаъолияти гурӯҳу равияҳои террористиву экстремистӣ ва кӯшишҳои иҷборан ворид гардидани унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ; парвариши ғояву андешаи ҳувияти миллӣ, ҳисси меҳанпарастӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ, таъмини тамомияти ҳудудӣ ва дахлнопазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ақидаи мо масоили ҳуқукии тарбияи кӯдакон дар тадқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат ҳамчун яке аз самтҳои нави омӯзиши илмӣ ҷой дода шуда, асоси онро ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ ташкил медиҳад ва мақсади асосии он таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ва тарбияи насли солими наврас мебошад. Ҳолати муосири илмҳои ҳуқуқшиносӣ зарурати боз ҳам ҳамаҷониба гузаронидани таҳқиқоти зуҳуротҳои нави бавуҷудомадаи ҷамъиятиро талаб менамоянд.

Саидзода Муҳаббат дар тадкикоти диссертатсионӣ ба ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон диққати махсус дода, аҳамияти онро дар ташаккули роҳҳо ва усулҳои тарбияи ҳуқуқии кӯдакон дар замони муосир мусбӣ арзёбӣ намудааст. Махсусан зардуштиён ба тарбия ва таълими ҷавонон диққати муҳим дода, муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ яке аз объектҳои асосии танзими ҳуқуқи зардуштӣ маҳсуб меёфт. Авесто дар батанзимдарории муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ дар байни дигар

сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштия мавқеи пешбарро ишғол менамояд. Воқеан, он аввалин сарчашмаи хаттии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар бораи оилаи қадимии мардуми Осиёи Миёна иттилоъ медиҳад. Авесто ҳамчун сарчашмаи асосии системаи зардуштии ҳуқуқ ба масъалаҳои зарурияти бастани ақди никоҳ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, шартҳои қатъи никоҳ, муносибатҳои молумулкии ҳамсарон ва ғайра диққати махсус медиҳад. Ҷанбаҳои сершумори ҳуқуқ ва вазифаҳои падару модарон ва кӯдакон дар Авесто ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ ба таври возеҳу равшан инъикоси худро ёфтаанд (саҳ. 13-14 дисс.).

Муаллиф қайд менамояд, ки то таъсиси давлати шуравӣ сарчашмаи асосии ба танзим даровардани масъалаҳои никоҳӣ-оилавӣ меъёрҳои шариат ба ҳисоб мерафтанд ва ислом ҳамчун дин ва ҳамчун тамаддун ба масъалаи тарбияи кӯдакон диққати махсус медиҳад. Дар ҳадиси пайғамбар Муҳаммад(с) омадааст: «Чизи аз ҳама беҳтарин, ки падару модар ба фарзанди худ медиҳад, беподош мебахшад, ин тарбияи хуб аст» ё дар ҳадиси дигар омадааст «барои падар тарбияи фарзанд муҳимтар ва пурқимматтар аст, нисбат ба додани садақаи зиёди ҳаррӯза».

Яъне, аз нуқтаи назари мактабҳо ва таълимотҳои гуногуни исломӣ тибиқи меъёрҳои шариат қарзи падару модар дар назди Худо таваллуди фарзанди солим, таъмини он, тарбия ва то синни балоғат аз ҷиҳати ақлонӣ ва ҷисмонӣ сиҳату саломат ба воя расонидан мебошад.

Ба ақидаи Ғазолӣ тарбияи инсон ин дар ӯ тарбия намудани маънавиёт ва зоҳидии баланд, ки қисматҳои он хоксорӣ, фурӯтанӣ, инсондӯстӣ, покии ақида ва амал, ростқавлӣ ва поквиҷдонӣ, ҳимматнокӣ, ҷавонмардӣ, фаъолнокӣ, ҷасурнокӣ, содиқият, меҳнатдӯстӣ, шафқат, ҳақиқат ва мисли инҳо баҳисоб меравад.

Имоми Аъзам дар ақидаҳои худ нисбати некӣ ва накӯкорӣ ба таълимоти Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбар Муҳаммад(с) такя кардааст, аз ҷумла дар ояти 36-и сураи «Нисо» чунин омадааст: «Ва Худоро бипарастед ва чизеро шарики Ӯ муқаррар макунед ва ба падару модар ва

ба хешон ва ятимон ва гадоён ва ҳамсояи хешованд ва ҳамсояи бегона ва ҳамнишини наздик ва мусофир ва он, ки дасти шумо молик шуд, накӯкорӣ кунед! Ҳамоно Худо касеро дӯст намедорад, ки ботакаббури худсито бошад» (саҳ. 15-16 дисс.).

Ба чунин таълимотҳо ва сарчашмаҳо бузург ва муқаддас рӯ овардан ва онҳоро барои ташаккули ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар замони муосир равона намудан худ як усули навоварие мебошад, ки бешубҳа арзиш ва мубрам будани тадқиқоти диссертатсиониро баланд менамояд.

Диссертатсияи Саидзода Муҳаббат бонизом таҳия гардида, дар он падидаи масоили ҳуқуқии тарбияи кӯдакон ҳамчун низоми томи мураккаб, инкишофёбанда ва худтанзимшаванда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Сохтори рисола аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда вобаста ба тарбияи кӯдакон тасдиқи худро ёфтааст.

Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи тадқиқшаванда имконият додаанд. Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода бурда шудаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки Саидзода Муҳаббат дар тадқиқоти диссертатсионӣ ифода намудааст, ягон шубҳаро

ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба тадқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба тадқиқоти масоили ҳуқуқии тарбияи кӯдакон буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии фарҳанги ҳуқуқи инсон падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии масоили ҳуқуқии тарбияи кӯдаконро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии масоили ҳуқуқии тарбияи кӯдакон, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шаванд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҷавон истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба таълиму тарбия ва маърифати ҳуқуқиву донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Нуктаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ дар шакли маърӯзаҳо,

инчунин ҳангоми дарс гуфтани муаллиф дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Аз рӯи мавзӯи рисола муаллиф 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Мазмуни диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, қайд менамоям, ки он дар маҷмӯъ моҳияти мавзӯъро ифода намуда, имконият медиҳад, ки масъалаҳои мубрами он баррасӣ гардад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ҳуқуқшиносӣ саҳми сазовори худро гузорад.

Аз натиҷагириҳои тадқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки бо мақсади такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масоили ҳуқуқии тарбияи кӯдакон ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" таклифҳои дахлдор пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирӣ буда, аз аҳамият холӣ намебошанд.

Умуман диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ ба талаботи бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди кишвар аҳамияти муҳим доранд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои аниқи илмиро ҳал намуда, самти нави илмии консепсияи падидавӣ-ҳуқуқии масоили ҳуқуқии тарбияи кӯдаконро пешниҳод менамояд. Муаллифи диссертатсия Саидзода Муҳаббат Шералӣ бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Раиси Арбитражи Байналмилалии**
**Тиҷоратии назди Палатаи савдо**
**ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:**
**Котиби масъули Арбитражи Байналмилалии**
**Тиҷоратии назди Палатаи савдо**
**ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Наврузова Т.Д.**